# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.**

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ соли 2016 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Раштро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф, рӯзона, бо дипломи аъло ва соли 2018 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз дар комплекси агросаноатӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми магистратура Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуда, соли 2025 онро хатм намудааст.

Номбурда фаъолияти кориашро аз моҳи сентябри соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт шуруъ намуда, солҳои 2019-2022 мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент, солҳои 2022-2024 муовини декан оид ба корҳои таълими факултети иқтисод ва идора, солҳои 2024-2025 декани факултети иқтисод ва идора, аз соли 2020 ба ҳайси муаллими калони кафедраи зикргардида ва ҳамзамон, аз моҳи сентябри соли 2025 то инҷониб дар вазифаи сардори раёсати таълими донишкадаи мазкур кор ва фаъолияти меҳнатӣ намуда истодааст.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар ҷодаи фаъолияти педагогӣ ва анҷоми босамари таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти баланди илмӣ-эҷодӣ ва аналитикӣ дошта, ҳамчун шахси нуктасанҷ дорои маҳорати баланди корбарӣ мебошад, ки ҳангоми пеш бурдани корҳои илмӣ ба нозукиҳои мавзуи илмиаш диққати махсус ва аҳамияти зарурӣ дода, дар асоси он хулосаҳои мушаххас баровардааст, ки ин масъала қобиляти хуби таҳқиқотчигии ӯро дар анҷоми корҳои илмӣ инъикос менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Миршарифзода Э.Қ. зиёда аз 19 мақолаҳои илмӣ нашр намудааст, ки аз ин шумора 9 мақолаи он бо талаботҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА мебошанд. Ҳамчунин, ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланди илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Дисертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи сохтор ва мазмун ҷавобгӯ ба талаботи таҳқиқоти илмӣ буда, мавзуи таҳқиқот дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Он ба таҳияи муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои методӣ ҷиҳати такмили истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои қарзӣ нигаронида шудааст.

Метавон гуфт, ки кори диссертатсионии Миршарифзода Э.Қ. дорои сохтори мантиқӣ, асосноккунии назариявӣ ва таҳлили амалӣ буда, бо таклифу пешниҳодҳои муфид анҷом ёфтааст. Аз рӯйи сатҳи иҷроиш, муҳтавои илмӣ ва аҳамияти амалии он метавон гуфт, ки кор ба талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода ва пешниҳод гардидааст, инчунин, таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд, ки ин масъала актуалӣ будани мавзуи таҳқиқшаванда ва маҳорати таҳқиқотчигии диссертантро нишон медиҳад.

Дар умум, диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи "Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара — Хайрзода Ш.Қ.

Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

"19" 09 соли 2025